Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA-053 назди
МДТ "Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуали ибни Сино"

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи: "Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи тандурустии аҳолӣ тавассути татбиқи чорабиниҳои васеи тиббӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла тадбирҳои пешгирикунанда, таъмин карда мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва сатҳи баланди камбизоатӣ, омилҳои хатарзо ба саломатии аҳолӣ таъсири назаррас мегузоранд.

Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ, мавкеи хосаро ишғол намуда, боиси оқибатҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Дар ҷомеаи муосир афзоиши бемориҳои сироятӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бештар бо омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла набудани шуғли доимӣ, даромади маҳдуд, сатҳи пасти зиндагӣ ва дониши нокифоя вобаста мебошад.

Дар раванди зиндагӣ инсон кӯшиш мекунад, ки касби дилхоҳашро интихоб ва омӯзад, дониши худро такмил диҳад ва ба ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ даст ёбад. Ин раванд аксар вақт сабаби муҳоҷират мегардад. Имрӯз таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа, рафтори ҷавонон ва бахусус гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ эҳсос мешавад. Сатҳи баланди хатарҳои рафторӣ дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ паҳншавии бемориҳои зуҳравиро афзоиш медиҳад.

Пешгирии бемориҳо яке аз вазифаҳои муҳими низоми тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, баъзе самтҳои фаъолияти профилактикӣ дар татбиқи амалии ҳифзи тандурустӣ комилан ба роҳ монда нашудаанд ва танҳо ба сурати эъломия боқӣ мондаанд, ки аксари онҳо дар сатҳи ибтидоӣ қарор доранд.

Бемориҳои зуҳравӣ яке аз мушкилоти муҳими тибби муосир мебошанд, ки бо хавфҳои рафторӣ пайванди зич доранд. Махсусияти ин мушкилот дар он аст, ки он бо равандҳои иҷтимоие вобастагӣ дорад, ки дар ҷомеа шакл

мегиранд. Воқеияти иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ташаккули рафтор таъсири амиқ гузошта, махсусан ба рафтори ҷавононе, ки ба шароити нави зиндагӣ мутобиқ шуда наметавонанд. Гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла шахсони гирифтори нашъамандӣ ва бемориҳои зуҳравӣ, дар шароити душвори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо хавфҳои баланд рӯ ба рӯ мешаванд.

Зарурати назорати саломатии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар шароити афзоиши муҳоҷират ва афзоиши шумораи муҳоҷирони корӣ, хусусан аз кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои хориҷи наздику дур, беш аз пеш аҳамияти худро пайдо мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи "Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ" аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ мебошад

**Директори**
**МД "Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пуст ва узвҳои таносул"**
**н.и.т.,** **Аҳмадзода М.А.**

Имзои директори марказро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо Юсупова Т

**Маълумот барои тамос:**
*Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пуст ва узвҳои таносул". Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кучаи А.Дониш 52а. Телефон барои тамос: (+992) 907 73 10 24; E-mail: marufgadoev@mail.ru*